Бо қарори Мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикитон
аз 29.05.2012 №9/51
тасдиқ шудааст

# ТАРТИБИ
## қабули санҷишу аттестатсияи ҷории донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар низоми анъанавӣ)

Тартиби қабули санҷишу аттестатсияи ҷории донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Тартиб) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

Тартиби мазкур раванди қабули санҷишу аттестатсияи ҷориро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба танзим медарорад.

**Мафҳум ва ибораҳои асосие, ки дар Тартиби мазкур истифода шудаанд:**

**аттестатсия** шакли назорати ҷамъбастии иҷрои барномаи таълимии фан дар доираи талаботи стандарти давлатии таҳсилот;

**апеллятсия** амалест, ки аз ҷониби комиссияи таъсисдодашудаи раёсати таълимгоҳ бо мақсади муайян намудани дониши воқеии донишҷӯ ҳангоми розӣ набудан аз натиҷаи санҷишу имтиҳон дар асоси аризаи ӯ доир карда мешавад;

**аттестатсияи давлатӣ** тартибест, ки дараҷаи фарогирии донишҷӯро ба стандарти ҳатмии давлатии сатҳи марбутаи таълим муайян намуда, аз рӯи натиҷаи он ба донишҷӯ ҳуҷҷати дорои таҳсилоти дахлдор дода мешавад;

**кор (лоиҳа)-и курсӣ** шакли санҷиши қобилияти эҷодию илмии донишҷӯ мебошад. Дар давоми мӯҳлати таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳар як донишҷӯ аз фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ на камтар аз 2 лоиҳа ё кори курсиро бояд иҷро намояд;

**маълумотномаи академӣ** санади шаклан муқарраргардидае мебошад, ки номгӯи фанҳои омӯхтаи донишҷӯро дар давраи дахлдори таҳсил бо нишондоди баҳоҳо (ба донишҷӯ, аз ҷумла, агар ӯ ба идомаи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ хотима гузошта бошад) фаро мегирад;

**санҷиш** шакли баҳодиҳӣ ба дараҷаи дониш, сатҳу сифати иҷрои корҳои амалӣ, лабораторӣ, дарсҳои семинарӣ, таҷрибаомӯзиҳои истеҳсолӣ ва пешадипломии донишҷӯ мебошад;

## Муқаррароти умумӣ

Санҷиш ва аттестатсияи ҷорӣ бо мақсади муайян намудани сатҳи дониш ва баҳо гузоштан ба сифату самараи донишандӯзии назариявию амалии донишҷӯ доир карда мешавад.

Мутобиқи талаботи мавҷуда барои донишҷӯёни ҳамаи курсҳо, шаклҳои таҳсилоти рӯзона, ғоибона ва шабона ду сессияи санҷишию имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона) ба нақша гирифта шудааст.

Сессияи санҷишию аттестатсияи ҷорӣ барои донишҷӯёни шаклҳои таҳсилоти рӯзона, ғоибона, шабона дар асоси реҷаи раванди таълим, ки дар нақшаҳои таълимӣ дарҷ гардидаанд ба роҳ монда мешавад.

Донишҷӯ ӯҳдадор аст, ки санҷишу аттестатсияи пешбинишудаи ҷориро тибқи ҷадвал, ки аз ҷониби роҳбарияти муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ тасдиқ мегардад, супорад.

Санҷишу аттестатсия аз тарафи омӯзгороне, ки аз он фан таълим медиҳанд қабул карда мешаванд.

Омӯзгор вазифадор аст, ки зимни баргузории санҷишу аттестатсияи ҷорӣ ба сатҳи дониши шифоҳӣ, хаттӣ, назариявӣ ва амалии донишҷӯ мутобиқи меъёрҳои муайянгардида баҳогузорӣ намояд.

Омӯзгори фанни дахлдор метавонад ду маротиба аз донишҷӯ санҷиш ва аттестатсияи ҷорӣ қабул намояд.

Маротибаи сеюм аз донишҷӯе, ки дар ду даври аввал ноком мондааст, санҷиш аз тарафи комиссияи махсуси таъсисдодаи роҳбарияти муассисаи таълимӣ бо иштироки омӯзгори фанни дахлдор қабул карда мешавад. Дар сурати рух додани баҳс доир ба натиҷаи санҷиш ва аттестатсияи ҷорӣ ҳаллу фасли ниҳоии он ба дӯши роҳбари муассисаи таълимӣ вогузор карда мешавад.

Ба донишҷӯе, ки дар давоми дарсҳо фаъолияти бештар нишон додааст, омӯзгор метавонад бе гузаронидани пурсиш баҳогузорӣ намояд.

Дар раванди қабули аттестатсияи ҷорӣ ва ё санҷишҳо сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи таълимгирандагон тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон «аъло» (5), «хуб» (4), «миёна» (3), «ду» (2), аз санҷиш гузашт «комёб», аз санҷиш нагузашт «ноком» баҳогузорӣ карда мешавад..

Баҳои мусбати аз аттестатсияи ҷорӣ гирифташуда дар варақаи аттестатсионӣ, дафтарчаи имтиҳонӣ ва замимаи диплом бо ишораи соатҳо навишта мешавад.

Шумораи имтиҳонҳо дар раванди аттестатсияи ҷории донишҷӯён аз рӯи шаклҳои рӯзона ва ғоибонаи таҳсил набояд аз 5 имтиҳон ва 10 санҷиш зиёд бошад. Санҷишу имтиҳонҳои фанни тарбияи ҷисмонӣ ва фанҳон факултативӣ ба миқдори нишондодашуда дохил намешаванд. Барои донишҷӯёне, ки аз рӯи барномаҳои мухтасар ё тезонидашудаи таҳсилоти миёнаи касбӣ таълим мегиранд, теъдоди санҷишу имтиҳонҳои ҷориро аз рӯи шаклҳои рӯзона ва ғоибона муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ мустақилона муқаррар менамояд.

## Санҷиш

Вобаста ба семестри ҷорӣ баъди ба анҷом расидани таълими пурраи фанни омӯхташуда ва ё баъди қисман омӯзонидани фан ҷонишини директор оид ба таълим тибқи тартиби муқарраршуда донишҷӯёни гурӯҳҳои академиро барои супоридани санҷиш иҷозат медиҳад.

Донишҷӯ ба сессияи санҷишӣ дар ҳолате роҳ дода мешавад, ки агар иҷрои корҳои амалӣ, эҷодӣ, санҷишӣ, курсӣ, маҷмӯи дигар талаботи ҷойдошта, ки дар нақша ва барномаҳои таълимӣ муқаррар гардидааст, ба анҷом расонида бошад.

Натиҷаи санҷиш бо мафҳумҳои «комёб» ё худ «ноком» дар варақаи санҷишӣ дарҷ карда мешавад.

Тамоми варақаҳои санҷишҳои ҷорӣ дар дафтари махсус ба қайд гирифта дар шӯъбаи таълим нигоҳ дошта мешаванд.

Натиҷаи санҷиш дар сутуни алоҳидаи дафтарчаҳои имтиҳонӣ, ки барои санҷиши ҳамин фанни таълимӣ пешбинӣ шудааст, бо мафҳуми «комёб» дарҷ мегардад.

Ҳангоми насупоридани санҷиш мафҳуми «ноком» дар дафтарчаи имтиҳонӣ дарҷ намегардад.

Санҷиши тафриқавӣ (дифференциальный зачёт) дар варақаи имтиҳонӣ бо ишораҳои «аъло», «хуб», «миёна» ва «ду» сабт мешавад. Он бо усулҳои шифоҳӣ, хаттӣ ва ё тариқи тестӣ қабул карда мешавад.

Дар ҳолати босабаб дар дарсҳо иштирок накардан, донишҷӯ баъди ба қисми таълим пешниҳод намудани ҳуҷҷати тасдиққунанда ва ба таври мустақилона дар шакли хаттӣ омода намудани мавзӯъҳои наомӯхтааш, ба санҷиш роҳ дода мешавад.

## Корҳои илмӣ- татқиқотии донишҷӯён

Иҷрои корҳои илмӣ- татқиқотӣ қобилияти эҷодии донишҷӯро сайқал дода, тадриҷан ӯро ба фаъолияти илмию инноватсионӣ ва эҷодӣ омода месозад.

Омӯзгор новобаста аз унвон, дараҷаи илмӣ ва мавқеи ишғолкардааш вазифадор аст, ки дар давоми соли таҳсил роҳбарии маърӯзаву гузоришҳои илмии на камтар аз ду нафар донишҷӯро барои ширкат варзидан дар конференсияҳои илмии факултет, муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ё дар сатҳҳои дигар ба ӯҳда гирад.

## Кори (лоиҳа)-и курсӣ

Мавзӯъҳои лоиҳаҳо ва корҳои курсиро кафедраҳои дахлдор мураттаб карда, дар ҷаласаҳои худ тасдиқ менамоянд. Мавзӯъҳои лоиҳаҳо ва корҳои курсӣ бояд ифодагари набзи замони муосир, таҷассумкунандаи масоили муҳими ихтисос ва фарогирандаи ҷанбаи инноватсионӣ бошанд. Донишҷӯ мавзӯъҳои пешниҳодшударо мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, дар заминаи он лоиҳа ва ё кори дипломӣ таҳия менамояд.

Пешбинии корҳои курсӣ бо назардошти нақшаҳои таълимӣ аз фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ ба амал бароварда мешаванд.

Такрори мавзӯъҳои лоиҳаҳо ва корҳои курсӣ қатъиян манъ аст.

Шумораи донишҷӯёне, ки таҳти роҳбарии як омӯзгор ба тайёр кардани кори (лоиҳаи) курсӣ машғул мешаванд, ба тариқи зайл муайян карда мешавад:

– ассистент (омӯзгор) то 4 нафар;

– муаллими калон (саромӯзгор) то 6 нафар.

– номзади илм, дотсент то 8 нафар;

– доктори илм, профессор то 9 нафар;

Роҳбарӣ барои омода намудани кори (лоиҳаи) курсии донишҷӯён ба сарбории таълимии солонаи омӯзгор дохил карда мешавад. Теъдоди соатҳои барои аз ҷониби омӯзгор ба амалбарории роҳбарӣ ба ҳар як кори курсӣ ва лоиҳаи курсӣ (дар як семестр на зиёда аз 2-то лоиҳаи кори курсӣ) ба тариқи зерин муайян карда мешаванд:

– барои кори курсӣ – 3 соат

– барои лоиҳаи курсӣ – 4 соат

Кори курсӣ дар кафедра бо иштироки комиссияи ҳимояи корҳои курсӣ (на камтар аз се нафар) гузаронида мешавад. Дар раванди баррасӣ ҳар яке аз аъзои комиссия тибқи салоҳдиди худ ба кори курсӣ баҳо мегузорад ва натиҷаи ниҳоии он бо таҳияи протокол ба расмият дароварда, баъдан дар варақаи аттестатсионӣ ва дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ дарҷ мешавад.

Ба корҳои (лоиҳаҳои) курсии донишҷӯён баҳои тафриқавӣ («аъло», «хуб», «миёна» ва «ду») гузошта шуда, он дар варақаи маълумотномаи академӣ, протокол ва дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ ғайр аз баҳои «ду» дарҷ карда мешавад. Роҳбари кори курсӣ ҳуқуқи мустақилона баҳо гузоштан ба кори курсиро надорад. Дар сурати оид ба мазмуну мӯҳтавои кори курсӣ сар задании баҳсу мунозира ҳаллу фасли он ба ихтиёри ҷаласаи кафедра (Шӯрои омӯзгорӣ) вогузор мешавад.

Корҳо (лоиҳа)-и курсии ҳимояшуда дар давоми ду сол дар кафедра нигоҳдорӣ шуда, минбаъд дар асоси санад тибқи муқаррароти амалкунанда аз эътибор соқит гардонида, ба бойгонии муассисаи таълимӣ интиқол дода мешаванд, ки дар он ҷо ба мӯҳлати 5 сол нигоҳ дода мешавад.

**Кори дипломӣ**

Дар марҳилаи ниҳоии таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ донишҷӯ метавонад, яке аз фанҳои тахассусие, ки ба номгӯи аттестатсияи давлатии хатмкунандагӣ шомил гардидааст, кори дипломӣ нависад.

Донишҷӯйе, ки кори дипломӣ иҷро мекунад, аз супоридани аттестатсияи давлатии ҳамин фанни таълимӣ озод карда мешавад.

Иҷрои кори дипломӣ ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки дониши андӯхтаашро оид ба фанни омӯхтааш ба низоми муайян дароварда, онро васеъ намояд, ба ин восита малакаю маҳорати иҷрои кори мустақилонаро сайқал дода, аз методикаи пешбурди таҳқиқот дар

раванди ҳаллу фасли масъалаҳои дар кори дипломиаш матраҳнамуда баҳраёб шавад ва масъалаи гузошташударо ҳал ва онро ҳимоя намояд.

Ҳаҷми умумии кори дипломӣ набояд аз 50 саҳифаи матни чопӣ (андозаи ҳуруфоти 14, фосилаи байни сатрҳо-якуним, андозаи майдони болои саҳифа-20 мм, поён-40 мм, аз рост-20 мм, аз чап-30 мм) бештар бошад. Матни кори дипломӣ дар як рӯи саҳифа инъикос шуда, рақамгузории саҳифаҳо ва бобҳои он бо рақамҳо ифода мешавад.

Фосила дар байни мундариҷаи бобҳо ва бандҳои кори дипломӣ ду интервалро (калимаҳои «боб» ва «банд» навишта намешаванд) ташкил медиҳад.

Кори дипломӣ дорои варақаи унвонӣ мебошад, ки он дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия карда мешавад.

Барои омодагӣ ва дифои кори хатмкунии тахассусӣ (дипломӣ) на камтар аз 8 ҳафта мӯҳлат дода мешавад.

Ба натиҷаи иҷрои лоиҳа ва кори дипломии донишҷӯён бо дараҷаҳо «5» (аъло), «4» (хуб), «3» (миёна) ва «2» (ду) баҳогузорӣ карда мешавад.

Роҳбарӣ ва омода намудани кори хатмкунандагон аз тарафи саромӯзгорони таҷрибадор, номзадҳои илм, дотсентон, докторони илм ва профессорон ба амал бароварда мешавад.

Шумораи корҳои хатмкунандагон, ки таҳти роҳбарии як омӯзгор иҷро мегарданд, ба тариқи зайл муайян карда мешавад:

доктори илм, профессор то 8 нафар.
номзади илм, дотсент то 7 нафар;
муаллими калон (саромӯзгор) то 6 нафар;
ассистент (омӯзгор) то 4 нафар;

Барои муаллимони калони (саромӯзгорони) ботаҷрибае, ки унвони илмӣ надоранд, роҳбарии корҳои хатмкунандагон бо қарори Шӯрои илмии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ то 6 нафар иҷозат дода мешавад.

Ба омӯзгор барои роҳбарӣ ба ҳар як кори хатмкунанда, дар як соли таҳсил 20 соат муайян карда шуда, роҳбарӣ ба кори хатмкунандагон ба сарбории таълимии солонаи ӯ дохил мегардад.

Ба роҳбарии корҳои хатмкунандагон омӯзгор дар назди кафедра, факултет ва муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ масъул буда, натиҷаи он дар қисмати корҳои илмии нақшаи инфиродии омӯзгор сабт мегардад.

Роҳбарияти муассисаи таълимӣ дар сурати дар вақташ ҳимоя намудани корҳои хатмкунӣ аз тарафи донишҷӯ, метавонад бо истифода аз имконияти молиявӣ роҳбари онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ҳавасманд намояд.

Ҳимояи қаблии кори хатмкунанда дар кафедра ба таври ошкоро, бо иштироки аъзои кафедра сурат мегирад ва натиҷаҳои он дар китоби махсуси сабтҳо бо тартибдиҳии протокол дарҷ меёбад. Ба корҳои хатмкунандагон, ки ба талабот ҷавобгӯянд, кафедра дар шакли «Ба ҳимоя роҳ дода шуд» хулоса менависад. Рисолаҳо (лоиҳаҳо)-и дипломии хатмкунандагоне, ки ҷавобгӯи талабот шуда наметавонанд, барои даровардани тағйиру иловаҳо ба муаллифонашон баргардонида

мешаванд. Барои ҳимояи қаблии як кори хатмкунандагон на зиёда аз ду маротиба иҷозат дода мешавад.

Ҳимояи кори ниҳоии хатмкунанда баъди ба имзо расидани фармони директори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷаласаи Комиссияи аттестатсионии давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраршуда, ба таври ошкоро сурат мегирад ва натиҷаи он дар протоколи махсус қайд карда мешавад.

Кори ниҳоии хатмкунанда дар се нусхаи чопи компютерӣ омода карда шуда, баъди ҳимоя як нусхаи он ба донишҷӯ, як нусха ба китобхонаи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва нусхаи сеюми он ба роҳбари илмӣ супорида мешавад. Кори ниҳоии хатмкунандагон, ки бомуваффақият дифоъ карда шудаанд, панҷ сол дар китобхонаи муассисаи таълимӣ нигоҳ дошта шуда, баъдан мувофиқи тартиботи муқарраршуда (баъди ба тасвиб расонидани санад) ба бойгонии муассисаи таълимӣ интиқол дода мешаванд. Инчунин, ин корҳо дар сайти интернетии муассисаи таълимӣ ҷой дода мешаванд.

Кори ниҳоии хатмкунандагон аз фанҳои дар бахшҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ пешбинишуда иҷро карда мешаванд.

**Аттестатсияи ҷорӣ**

Аттестатсияи ҷорӣ бо мақсади баҳогузорӣ кардан ба сатҳи дониш ва малакаю маҳорати донишҷӯ дар соли таҳсил (тибқи нишондоди нақшаи таълимӣ пешбинӣ гардидааст), ки тавассути ин раванд донишандӯзии назариявӣ ва дар амал татбиқ карда тавонистани донишҳои азхудкардаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда мешавад.

Номгӯи саволҳои имтиҳонӣ барои шӯъбаи рӯзона ҳар сол ду ҳафта қабл аз оғози аттестатсияи ҷорӣ дар ҷаласаи кафедра баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад. Номгӯи саволҳои санҷишию имтиҳонии семестри ояндаи шакли таҳсили ғоибона бошад дар анҷоми сессияи санҷишию имтиҳонии даъватшуда, дар ҷаласаи кафедра мавриди баррасӣ ва тасдиқ қарор дода мешавад.

Ҷадвали имтиҳонӣ ва аттестатсияи ҷорӣ барои донишҷӯёни шаклҳои таҳсилоти рӯзона, ғоибона, шабона дар асоси реҷаи раванди таълим, ки дар нақшаҳои таълимӣ дарҷ гардидаанд ба роҳ монда мешавад.

Фосилаи байни имтиҳонҳо дар низоми анъанавии таҳсил на камтар аз 3 рӯзро ташкил медиҳад. Ҷадвали имтиҳонӣ 2 ҳафта қабл аз оғози санҷишу имтиҳонҳо тасдиқ гардида, мавриди амал қарор дода мешавад.

Бар хилофи муқарраროти ҷадвали санҷиш ва имтиҳонҳо аз ҷониби омӯзгор ба дигар соат ё рӯз гузаронидани маслиҳату машварати қаблазимтиҳонӣ ва имтиҳон иҷозат дода намешавад.

Ба сессияи имтиҳонӣ донишҷӯ дар ҳолате роҳ дода мешавад, ки агар дар давоми ҳамон семестр комилан супоридани санҷишҳоро, ки тибқи нақшаи таълимӣ муқаррар гардидааст, ба анҷом расонида бошад.

Дар сурате ки донишҷӯ доир ба ин ва ё он фанни таълимии дар нақшаи таълимӣ пешбинишуда санҷиш, лоиҳаву корҳои курсиро сари вақт дифоъ накарда бошад, ӯ аз супоридани имтиҳон дар давраи сессияи асосӣ маҳрум карда мешавад.

Дар раванди қабули имтиҳон ва санҷиш сатҳи дониши донишҷӯй тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

Имтиҳон мутобиқи ҷадвали тасдиқгардида, қабул карда мешавад. Имтиҳонро омӯзгори фанни дахлдор бо ҳамроҳии ёвар (ассистент) қабул менамояд. Ҳангоми дар шакли тестӣ қабул намудани имтиҳони ҷорӣ иштироки омӯзгори фаннӣ ҳатмӣ мебошад.

Дар ҳолати беморӣ ва ё дар сафари хизматӣ қарор доштани омӯзгори асосӣ, омӯзгори дигар, ки мутахассиси ҳамин соҳа мебошад, метавонад бо пешниҳоди ҷонишини директор оид ба таълим ва мувофиқа бо директори муассисаи таълимӣ имтиҳон қабул намояд.

Омӯзгори фан тибқи талаботи зикргардида метавонад аз донишҷӯ иловатан баъди санҷиш ё имтиҳони асосӣ боз ду маротибаи дигар имтиҳон ё санҷишро қабул намояд:

-маротибаи аввал дар давраи сессия;

-маротибаи дувум дар сессияи иловагӣ;

Маротибаи сеюм қабули имтиҳонро аз донишҷӯе, ки дар ду маротибаи аввал баҳои «бад» гирифтааст, комиссияи махсуси (теъдодаш 2 нафар) таъсис додашуда бо иштироки омӯзгори фанни дахлдор амалӣ менамояд. Дар сурати маротибаи сеюм баҳои «ду» гирифтан донишҷӯ аз муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ хориҷ карда мешавад.

Санадҳои танзимкунандаи сессияи санҷишию имтиҳонӣ иборатанд аз:

– варақаи санҷишӣ;
– варақаи имтиҳонӣ;
– варақаи имтиҳонии умумӣ;
– дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ;
– варақаи таълимии донишҷӯ;

Варақаи санҷишӣ ва имтиҳонӣ дар шӯъбаи таълим сабту дарҷ карда мешавад. Шумораи донишҷӯёни гурӯҳҳои таълимии ба варақаи санҷишӣ ва имтиҳонӣ воридшуда, бо имзои ҷонишини директор оид ба таълим тасдиқ карда мешавад. Варақаи имтиҳонӣ бевосита дар рӯзи имтиҳон ва қабл аз оғози имтиҳон ба ихтиёри омӯзгори имтиҳонгиранда вогузор карда мешавад. Омӯзгори дахлдор вазифадор аст, ки оид ба гирифтани варақаҳо дар китоби сабти варақаҳои имтиҳонӣ имзо гузорад.

Варақаи имтиҳонӣ худи ҳамон рӯз баъди итмоми имтиҳон ба шӯъбаи таълим супорида мешавад.

Дар сурати тамдид кардани мӯҳлати сессия, барҳамдиҳии қарздорӣ ва ё фарқиятҳои академӣ ба омӯзгор варақаи имтиҳонӣ (санҷишӣ) дода мешавад. Омӯзгори имтиҳонгиранда вазифадор аст, ки баъд аз анҷом додани қабули имтиҳон (санҷиш) дар ҳамон рӯз варақаи имтиҳониро супорида дар китоби қайд имзо гузорад.

Дар варақаи имтиҳонӣ ҷиҳати сабт намудани натиҷаи супоридани имтиҳони ҷории донишҷӯён, номи фан, ному насаби омӯзгор, ёвари ӯ ва таърихи рӯзи қабули имтиҳон дарҷ карда мешаванд. (замима 1)

Замимаи умумӣ барои дарҷи барҳамдиҳии қарздории академии донишҷӯёни шакли таҳсилоти ғоибона дар давраи байни сессияҳо мавриди истифода қарор дода мешавад. Замимаи умумӣ барои гурӯҳи таълимӣ тартиб дода шуда, дар шӯъбаи таълим ҳифзу нигоҳдорӣ мегардад.

Замимаи умумӣ ва варақаҳои санҷишию имтиҳонии гурӯҳҳои донишҷӯён ҳамчун ҳуҷҷати ҳисоботӣ то хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шӯъбаи таълим нигоҳ дошта мешавад.

Дар сурати аз ҷониби омӯзгор ва ё шахси мутасаддӣ роҳ додан ба иштибоҳ, сари вақт ислоҳ накардан ва ба шӯъбаи таълим пешниҳод накардани онҳо, ки сабабгори хориҷшавии донишҷӯ ё таъин нагардидани стипендия ва дигар омилҳои нохуш мегарданд, мутобиқи қонунгузории ҷорӣ чунин шахсон ба муҷозоти интизомӣ кашида мешаванд.

Дар дафтарчаи имтиҳонӣ бо имзои шахсони масъул теъдоди соатҳои умумии фанни омӯхташуда, ки дар нақшаи таълимӣ дарҷ ёфтааст, ҳамчунин, натиҷаи аттестатсияи ниҳоии давлатӣ, ҳимояи корҳои тахассусӣ ва дипломӣ сабт карда мешавад.

Дар сурати аз ҷониби омӯзгори дахлдор дар вақту замон дар дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ нагузоштани натиҷаи санҷишу имтиҳон ва дар варақаи санҷишиву имтиҳонӣ мавҷуд набудани он ва ё баръакс, декан (мудири шӯъба) вазифадор аст, ки вазъи рухдодаро мавриди баррасӣ қарор дода, ба таври хаттӣ баёноти шахси мутасаддиро гирад ва нисбат ба ӯ чораи зарурӣ андешад.

Натиҷаи санҷишу имтиҳонҳо барои муқаррар кардани стипендия, интиқол ба курси дигар ва додани ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ асос шуда метавонад.

Дар ҳолати бо сабабҳои узрнок, ки бо пешниҳоди асноди тасдиққунанда асоснок карда мешавад (беморӣ, вазъи оилавӣ, даъват ба мақомоти маъмурӣ ва назоратӣ) сари вақт барои супоридани санҷиш ё имтиҳон имкон пайдо накардани донишҷӯ, ҷонишини директор оид ба таълим мӯҳлати иловагии супоридани санҷиш ва ё имтиҳонҳоро барои чунин донишҷӯ муайян менамояд, ки он бо фармоиши директор тамдид карда мешавад.

Дар ҳолатҳои зарурӣ барои донишҷӯёне, ки аз натиҷаи сессияи гузашта баҳои хубу аъло ва нишондиҳандаҳои мусбати азхудкунии таълимро доранд ва ба дарсшиканию дигар аъмоли тахрибкорӣ роҳ надодаанд, барои пеш аз мӯҳлат супоридани санҷишу имтиҳонҳо то 1 моҳ қабл аз оғози сессияи ҷории санҷишу имтиҳонҳо иҷозат дода мешавад.

Ба раванди санҷиш ва ё имтиҳон ба истиснои шахсони масъул дахолати дигарон қатъиян манъ аст.

Донишҷӯи аз натиҷаи имтиҳон қаноат ҳосил накарда, ҳуқуқ дорад, ки дар давоми як рӯз баъд аз анҷоми имтиҳон ба комиссияи апеллятсионӣ муроҷиат намояд. Барои иҷрои ин амал вазифадор аст, ки ба директори муассисаи таълимӣ бо ариза муроҷиат намояд.

## Ҷараёни имтиҳон.

Раванди қабули имтиҳон дар гурӯҳҳои таълимӣ тибқи нишондодҳои ҳамин Тартиб ба роҳ монда мешавад.

Омӯзгори имтиҳонгиранда ҳуқуқ дорад, ки дар пояи муқаррароти барномаи фанни таълимӣ ҷиҳати муайян кардани сатҳи дониши андӯхтаи донишҷӯ саволгузорӣ намояд. Дар раванди имтиҳон донишҷӯ ҳуқуқ дорад, ки аз барномаи таълимии фанни марбута истифода барад.

Дар рафти имтиҳон донишҷӯ метавонад аз воситаҳои техникӣ (ба истиснои телефони мобилӣ), асбобҳои аёнӣ ва барномаҳои намунавӣ истифода намояд.

Дар мавриди бо усули тестӣ қабул намудани имтиҳон, саволномаи тестӣ танҳо дар доираи барномаи таълимӣ тартиб дода мешавад. Саволномаи тестӣ аз тарафи омӯзгори фаннӣ тартиб дода шуда, бояд як моҳ қабл аз оғози сессияи санҷишию имтиҳонӣ ба қисми таълимӣ пешниҳод гардад.

Донишҷӯ ҳангоми супоридани санҷишу имтиҳон дафтарчаи имтиҳонии худро ба дасти омӯзгори имтиҳонгиранда месупорад. Қабули имтиҳон бе дафтарчаи имтиҳонӣ ва варақаи имтиҳонӣ иҷозат дода намешавад.

Агар фанни таълимӣ аз ҷониби якчанд омӯзгор таълим дода шуда бошад, дар имтиҳон ҳамаи онҳо ширкат меварзанд, вале ба донишҷӯ бо машварати умумӣ танҳо як баҳо гузошта мешавад.

Дар муқобили ному насаби донишҷӯе, ки дар имтиҳон ширкат наварзидааст, омӯзгори имтиҳонгиранда ибораи «ғоиб»- ро қайд карда имзо мегузорад.

Донишҷӯ дар давраи сессияи фаъол аз се имтиҳон пайдарпай баҳои «бад» гирад, аз муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ хориҷ карда мешавад.

Ба давраи дуввум ва сеюми имтиҳони такрорӣ донишҷӯёне рухсат дода мешаванд, ки аз як ё ду имтиҳон қарзи академӣ доранд.

## Роҳҳои бартараф намудани қарздории академӣ

Такроран супоридани имтиҳон аз фанне, ки донишҷӯ дар сессияи имтиҳонӣ баҳои «ду» гирифтааст, ҳангоми идомаи сессияи фаъол иҷозат дода намешавад.

Барои донишҷӯёне, ки бо сабаби беморӣ ё сабабҳои дигари узрнок (вазъи оилавӣ, офатҳои табиӣ ва ҳоказо) санҷишу имтиҳонро дар мӯҳлати муқарраршуда супорида натавонистаанд, бо пешниҳоди роҳбар (мудири шӯъба, декан) ва мувофиқаи ҷонишини директор оид ба таълим, мӯҳлати сессияи санҷишию имтиҳонӣ барои чунин донишҷӯён тамдид карда мешавад (мӯҳлат барои супоридани сессияи зимистона аз 1 феврал то 1 март ва барои сессияи тобистона аз 1 то 25 сентябр).

Барои донишҷӯи шакли таҳсили ғоибона бошад, мӯҳлати супоридани санҷишу имтиҳонҳо то 1 моҳ қабл аз оғози семестри оянда муқаррар карда мешавад.

Такроран супоридани имтиҳон барои иваз намудани баҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки агар 75% баҳои гирифтаи донишҷӯ «аъло» бошад ва ҳамзамон ба ин донишҷӯи довталаб на бештар аз як фан баҳои «миёна» дошта бошад. Ин амал бо иҷозати директори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар курси охир як моҳ қабл аз оғози аттестатсияи ниҳоии давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

**Натиҷаи сессияи имтиҳонӣ**

Донишҷӯе, ки ба пуррагӣ сессияи санҷишу имтиҳонҳои соли ҷориро супоридааст, бо фармони директор аз курс ба курс гузаронида мешавад.

Бо пешниҳоди декан (мудири шӯъба) ва фармони директори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ донишҷӯён дар ҳолатҳои зерин аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешаванд:

Хориҷ намудани донишҷӯён аз муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асоси Низомномаи гузаронидан, барқароркунӣ ва хориҷ намудани хонандагон, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ амалӣ карда мешавад.

Барои риоя накардани ӯҳдадориҳое, ки дар Оинномаи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ пешбинӣ гардидаанд, донишҷӯро метавон бо гирифтани баёноти хаттии ӯ ба муҷозоти интизомӣ кашида, ҳатто, аз муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ хориҷ намуд. Дар ҳолати аз муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ хориҷ намудани донишҷӯ қабл аз оғоз кардани ин амал гирифтани баёноти хаттии донишҷӯ ҳатмист.

Барои донишҷӯёне, ки дар гурӯҳҳои буҷетӣ таҳсил намуда, дар давраи сессияи асосӣ имтиҳонҳоро бо баҳои хубу аъло месупоранд, тибқи муқаррароти «Низомномаи таъин ва пардохти стипендияи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» стипендия таъин карда мешавад.

Шакли варақаҳои санҷишиву имтиҳонӣ дар замимаи Тартиби мазкур пешниҳод мегардад (Намунаи №1-2).

Аз эътибор соқит донистани «Тартиби ягонаи қабули санҷишу имтиҳонҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (тибқи низоми анъанавӣ)» барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар сурати қабули чунин Тартиби таҷдиди назаршудаи нав аз эътибор соқит дониста мешавад.

**(замимаи 1)**

# НОМИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

## Варақаи имтиҳонии №____

Ихтисос______________________________________________________________________
Фан__________________________________________________________________________
Соли таҳсил________________ Семестр____ Курс___ Гурӯҳ________ Шакли таҳсил__________________
Ному насаби омӯзгор______________________________
Ному насаби ёвар_____________________________
Ному насаби комиссия_____________________________________________

<table>
<tr><td rowspan="4">№</td><td rowspan="4">Ному насаб (пурра)</td><td rowspan="4">Рақами дафтарчаи имтиҳонӣ</td><td colspan="3">Давраҳо ва рӯзҳои имтиҳон</td></tr>
<tr><td>Якум</td><td>Дуюм</td><td>Сеюм</td></tr>
<tr><td>Санаи имтиҳон</td><td>Санаи имтиҳон</td><td>Санаи имтиҳон</td></tr>
<tr><td>Баҳо</td><td>Баҳо</td><td>Баҳо</td></tr>
<tr><td>1.</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>2.</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>.</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>.</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>….</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td>имзо</td><td>имзо</td><td>имзо</td></tr>
</table>

Давраи аввал: ____ беиҷозат ____ ғоиб_____ бад ____ миёна____ хуб____ аъло_____ имзо________
Давраи дуюм: ____ беиҷозат_____ ғоиб_____ бад ____ миёна____ хуб____ аъло_____ имзо_______
Давраи сеюм: ____ беиҷозат_____ ғоиб____ бад ____ миёна____ хуб____ аъло_____ имзо______

**Эзоҳ:** Баҳоҳои гирифтаи донишҷӯён бояд ба шакли «бад», «миёна», «хуб», ва «аъло» гузошта шавад.

Дар нусхаи асл тағйир додани баҳои гирифтаи донишҷӯ иҷозат дода намешавад.

Дар сурати бори сеюм қабул кардани имтиҳон комиссия таъсис дода мешавад. Варақа новобаста аз забони таҳсил танҳо ба забони давлатӣ пур карда мешавад.

**Ҷонишини директор оид ба таълим _____________ мӯҳр**

**Манъ карда мешавад:** 1. Қабули имтиҳон аз донишҷӯёне, ки ба варақаи мазкур дохил карда нашудаанд.

2.Қабули имтиҳон дар мӯҳлатҳое, ки берун аз ҷадвали имтиҳонотии тасдиқшуда гузаронида мешаванд.(ба истиснои иҷозати қисми таълим)

**(замимаи 2)**

# НОМИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

**Варақаи саҷишии №____**

Ихтисос________________________________________________________________
Фан___________________________________________________________________
Соли таҳсил________________ Семестр____ Курс___ Гурӯҳ________ Шакли таҳсил__________________
Ному насаби омӯзгор_____________________________
Ному насаби ёвар____________________________
комиссия_______________________________________

| № | Ному насаб (пурра) | Рақами дафтарчаи имтиҳонӣ | Давраҳо ва рӯзҳои санҷиш | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Якум | Дуюм | Сеюм |
| | | | Санаи санҷиш | Санаи санҷиш | Санаи санҷиш |
| | | | Натиҷаи санҷиш | Натиҷаи санҷиш | Натиҷаи санҷиш |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| . | | | | | |
| . | | | | | |
| …. | | | | | |
| | | | имзо | имзо | имзо |

Давраи аввал: ______ беиҷозат _____ ғоиб ________ комёб ______ ноком _____ имзо ___________

Давраи дуввум: _____ беиҷозат_____ ғоиб ________ комёб ______ ноком _____ имзо ___________

Давраи саввум: _____ беиҷозат_____ ғоиб ________ комёб ______ ноком _____ имзо ___________

Эзоҳ: Санҷиши гирифтаи донишҷӯён бояд ба шакли «комёб» ва «ноком» гузошта шавад.
Дар нусхаи асл тағйир додани санҷиши гирифтаи донишҷӯ иҷозат дода намешавад.
Дар сурати бори сеюм қабул кардани санҷиш комиссия таъсис дода мешавад.
Варақа новобаста аз забони таҳсил танҳо ба забони давлатӣ пур карда мешавад.

**Ҷонишини директор оид ба таълим _____________ мӯҳр**

**Манъ карда мешавад**: 1.Қабули санҷиш аз донишҷӯёне, ки ба варақаи мазкур дохил карда нашудаанд.